**ТАҚРИЗ**

**ба автореферати Бозоров Хушвахт дар мавзуи «Асосҳои методии ташаккули малакаи фаъолияти мустақилонаи омӯзиши забони модарӣ ва инкишофи зеҳнии талабагони синфҳои ибтидоӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.02 - Назария ва методикаи таълиму тарбия (13.00.02.04 - Назария ва методикаи таълими фанхои гуманитарӣ (тахсилоти миёнаи умумӣ))**

Рисолаи илмии Бозоров Х. ба дифоъ пешниҳодшуда воқеан ҳам қобили эътибор ва эътироф буда, ба коркарди низоми мураттаби ташаккули малакаи фаъолияти мустақилонаи омӯзиши забони модарӣ дар пояи методологияи илмӣ ва таҷрибаи пешқадами аз ҷиҳати илмӣ асоснок ва дар таҷриба санҷидашуда бо назардошти инкишофи зеҳнии талабагони синфҳои ибтидоӣ бахшида шудааст.

Масъалаи ташаккули малакаи фаъолияти мустақилонаи омӯзиши забони модарӣ ба хотири рушди зеҳнию нутқии хонандагони синфҳои ибтидоӣ яке аз вазифаҳои асосии мактаби муосир буд ва мебошад.

Илмҳои педагогика ва психология исбот намудааст, ки агар ба хонанда имконияти интихоб намудан дода шавад, шавқу ҳаваси ӯ нисбат ба хондан, навиштан ва иҷрои фаъолияти дигари таълимӣ меафзояд, онҳо аз таҷрибаи бадастовардаашон руҳбаланд мегарданд.

Сабаби ҳамчун мавзуи таҳқиқотӣ интихоб гардидани масъалаҳои ташаккули малакаҳои фаъолияти мустақилонаи омӯзиши забони модарӣ ба хотири рушди зеҳнию нутқии хонандагони синфҳои ибтидоӣ он аст, ки ҳоло дар раванди дарс омӯзгорон ба кори мустақилонаи хонандагон камтар диққат медиҳанд. Таҷриба ва мушоҳидаи фаъолияти ҳаррӯзаи омӯзгорон собит сохт, ки омӯзгорон барои иҷрои кори мустақилона вақти зарурӣ ҷудо намекунанд, ҳангоми иҷрои супоришҳо ниёзмандии хонандагон ба назар гирифта намешавад.

Натиҷаи корҳои озмоишӣ-таҷрибавӣ дар самти ташаккули салоҳиятмандӣ ва инкишофи зеҳнии талабагони синфҳои ибтидоӣ собит сохтааст, ки хонандагон дар ташаккули малакаи фаъолияти мустақилонаи омӯзиши забони модарӣ дар роҳи иҷрои талаботи стандартҳои фаннӣ ва барномаи таълим беш аз пеш ба фазой салоҳияти забонӣ ва коммуникативӣ ворид мегарданд. Зимни амсилаи пешниҳодкардаи муаллиф ташаккули маҳорату малака ва салоҳиятмандии хонандагон дар муқоиса ба таълими анъанавӣ ба маротиб рушд ёфтааст.

Таҷрибаҳо дар раванди таълими савод ошкор сохтанд, ки истифодаи самараноки методи аналитикӣ-синтетикии овозӣ (яъне, методи таҳлил ва таркиби овозӣ) ҳангоми иҷрои фаъолияти мустақилонаи омӯзишӣ ба қобилияти зеҳнию нутқии хонандагон рушд бахшида, самаранокии ин усул бештар ба назар мерасад. Чунки қобилияти зеҳнии хонандагони хурдсол дар раванди ташкили фаъолияти мустақилонаи омӯзишӣ ба эътибор гирифта мешавад.

Пас аз ҳар боби рисола бо хулосаҳои мушаххаси муаллиф ба охир расидаанд ва ин аз он гувоҳи медиҳад, ки проблемаҳои дар рисола матраҳгардида ҳалли худро пурра ёфтаанд. Дар хулосаи умумӣ бошад муҳаққиқ натиҷаҳои тадкиқоти худро ҷамъбаст кардааст, ки аз аҳамияти назарраси назарӣ ва амали холи нест.

Тамоми мақолаҳои нашрнамудаи муаллиф мӯҳтавои рисоларо инъикос менамояд.

Тадкиқоти назариявӣ ва озмоишии доиркардашуда ба амали шудани ҳадафи рисола мусоидат намуда, фарзияи рисоларо дар бораи тавассути фаъолиятҳои формғаздарсӣ тақвият бахшидани ташаккули малакаи фаъолияти мустақилонаи омӯзиши забони модарӣ ва инкишофи зеҳнии талабагон асоснок намуд.

Хулоса, диссертатсияи Бозоров Хушвахт дар мавзӯи «Асосҳои методии ташаккули малакаи фаъолияти мустақилонаи омӯзиши забони

модарӣ ва инкишофи зеҳнии талабагони синфҳои ибтидоӣ» саҳифаи тозае дар омӯзиши забони модарӣ дар синфҳои ибтидоӣ шумор рафта, таълифоти мукаммал ба шумор меравад ва муаллифи он сазовори доктори илми педагогика аз рӯи ихтисоси 13.00.02 - Назария ва методикаи таълиму тарбия (13.00.02.04 - Назария ва методикаи таълими фанхои гуманитарӣ (тахсилоти миёнаи умумӣ)) мебошад.

**Муқарриз:** Доктори илми филология,
профессори кафедраи забонҳои
хориҷии Академия идоракунии
давлатии назди Президенти
Ҷумҳурии Тоҷикистон Раҳмонова Наргис Шарифовна

Имзои профессор Раҳмонова Н.Ш.-ро тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳо, коргузорӣ
ва корҳои махсуси АИДНПҶТ Зоирхонзода Ф. З.

14.12.2024

**Суроға:** 734003 ш. Душанбе, кӯчаи Саид Носир, 33
Тел.: (992 37) 224-17-86
www.apa.tj
Телефон: 917-09-02-99;
Email:: nargisbonu66@mail.ru.